***Файзуллоева Иноят, ходими калони илмии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ***

# ТАНЗИМИ РАСМУ ОЙИН - ТАҚОЗОИ ЗАМОН

***«Дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»***

Аз замоне, ки инсон дар ҷомеа зистанро оғоз намуд ва аввалин нишонаҳои тамаддун аён гардид, қонун бузургтарин кашфиёте дар дунёи инсонӣ буд. Қонун воқеан як ҷузъи тамаддуни башарист, зеро он имконияти дар ҷомеа зистани инсонҳоро мураттаб менамояд. Аввалин сарчашмаҳои тамаддуни башарӣ аз Бобулистони қадим, Мисри қадим, Юнону Рими антиқа ва Эрони бостон оғоз гардид ва маҳз дар пояи тамаддуни давлатҳо ҳамчун кафолати низом дар он ҷомеаҳо амал намуд.

Маҳз қонун имконияти ҳамзистии одамонро дар ҷомеа муҳайё месозад ва чигунагии зисти одамон дар ҷомеа ба дараҷаи қонунҳо вобаста аст, рушди ҳамаи ҷабҳаҳо дар ҳаёти инсон аз мукаммалияти қонунҳо вобаста аст. (Ҷумъаев Р. 2015,с. 11-12.)

Таърих имкон дод ва баъди ҳазор сол тоҷикон ба истиқлол расида соҳиби давлати худ гарданд. Ин албатта бо осонӣ ба даст наомад ва имрӯз ҳар як фарди ватандӯсти тоҷикро мебояд ин меҳани соҳибистиқлоли худро ҳифз намояд ва бахри рушд ва пояндагии саъй кунад.

Фалсафаи марксистӣ мақоми шахсро дар таърих инкор мекард, вале худи таърих собит намуд, ки дар бунёди таърих мақоми шахсияти алоҳидаи бузург ниҳоят калон аст. Маҳз шахсиятҳои бузург бо хираду заковати худ ба рафти таърих таъсир расонида таърихи ҷомеа ва башарро месозанд. Маҳз дар даврони соҳибистиқлол бо шарофати Худованд роҳбарии давлати соҳибистиқлоли тоҷик ба шахсияти барҷаста, нобиғаи сиёсат, Эмомалӣ Раҳмон вогузор гардид. Президент Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ тамоми рукнҳои давлатиро ба низом даровард ва пойдор намуд.

Дар рафти корҳои бузурги Эмомалӣ Раҳмон ва қонунҳои мукаммали зери роҳбарии ӯ таҳия гашта танзими расму ойин яке аз муҳимтарин ташаббуси беназири роҳбари давлат гардид.

Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ин тақозои замон ва ҷомеа буда роҳбари давлат дар суханронии хеш таҳти унвони «Танзими расму оин

талаботи замон» дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои ҳаётӣ, ки дар таърихи 9 июли соли 1999 баргузор гардид, ба ин нуктаи муҳими замон таваҷҷӯҳ карда таъкид намуда буданд:

«Танзими расму оин ва анъанаҳо ҷанбаи хеле мухими масъалаи миллӣ мебошад. Аз ин хотир мо вазифадор ҳастем, ки пеш аз ҳама бойигариҳои маънавии қадимаи халқамонро ҳамчун манбаи нодиру гаронбаҳо дар тарбияи ҷавонон истифода барем»

Вале ин кор муносибати оқилона мехоҳад. Маълум аст, ки рушди ободии кишвар танҳо тавассути мардуми босавод, соҳибмаърифат ва равшанфикри ҷомеа имконпазир мегардад.

Бунёди ҷомеи мутамаддин тақозо менамояд, ки расму оинҳоро аз зуҳуроти барои имрӯз ва ояндаи ҷамъият номатлуб тоза намоем, онҳоро мутобиқи вазъи кунунии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ танзим намоем. Муҳимтарини онҳоро ҳамчун қисми таркибии тамаддун ва фарҳанги миллӣ ҳамаҷониба инкишоф диҳем. ( Ҷумъаев,2014.с.3)

Дар рафти иҷрои корҳои бузург ба танзим даровардани расму оинҳо яке аз ташаббуси беназири имрӯзсозуояндасози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад, зеро аз охири солҳои 80-уми асри XX бисёре аз расму оинҳо суннати анъанавии худро аз даст дода ба дараҷаи ифрот расида буданд ва пурдабдабаву бо шаҳомот гузаронидани ин расму оинҳо ҳам ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳам равонии мардум осеби ҷиддие меовард.

Аксари расму оинҳо аз асолати худ дур гардида зери таъсири хурофот монда хусусияти ифротро бархӯрдор гашта буданд. Инҷо мо мисолҳои зиёдеро дар робита ба ишораҳо оварда метавонем. Чунончи, маросими дафн ва маъракаҳои марбути он бо хароҷоти ваҳшатнок гузаронида мешуданд, ки на танҳо оилаҳои камбизоат, ҳамчунон оилаҳои миёнаҳол низ таъсири манфии онро эҳсос мекарданд. Чунончи, баъди дафни майит ва якчанд маъракахои марбут ба он то маъракаи сол бегоҳи душанбегӣ ва ҷумъагӣ гузаронида мешуданд ва соҳиби маъракаро лозим меомад дар як ҳафта 2 маротиба «зиёфат» ороянд, ки воқеан ин зиёдахарҷӣ буд ва на ҳар оила қудрати таҳаммули молиявии онро паси сар карда метавонист. Ин маъракаҳо ба дини мубини ислом ягон робита надоштанд ва надоранд ва танҳо зери таъсири хурофот ва дахли шахсони алоҳидаи ба ин зиёфатҳо ҳавасманд чунин шаклро гирифтанд. Ҷавоне нақл кард, ки ӯ се сол дар Федератсияи Русия танҳо барои пардохти хароҷоти дафни падараш бо машаққати зиёд заҳмат кашидааст ва ҳоло бошад асосан барои пардохти

дигар маъракаҳои оилаашон он ҷо ранҷ мекашад. Чунин шуда буд, ки дар густурдани дастурхони маърака фарқ байни маросими дафн ва маросими суру тӯй намонда буд. Ҳамаи ин нишондиҳандаи он аст, ки маънавиёти ҷомеа коста шуда аст ва дину мазҳаб ҳам таъсири зарурӣ ба ҷомеа расонида наметавонад. Мардум на бандаи Худо, балки бандаи нафс гашта муқаддасоти дини ислом, анъанаҳои сунатии худро сарфи назар карда гузаронидани расму ойинро ба дараҷаи ифрот расонидаанд. На ҳар оила қудрати таҳаммули хароҷоти гузаронидани тӯю маъракаҳоро дорад.

Аз ҷиҳати равонӣ бо дабдабаю хароҷоти зиёд гузаронидани маъракаҳоро ба он иртибот додан мумкин аст дороён мехоҳанд бо чунин маъракаҳо дороии худро нишон диҳанд ва камбизоатон бошанд барои пинҳон кардани камбизоатии худ зери қарз ғӯтида чунин маъракаҳоро мегузаронанд.( Ҷумъаев,2015,с.83).

Чанд муддат пеш, то дахолати ҳукумат ба танзими расму ойин муколаммаи ду занро тасодуфан шунида будам ва онро ин ҷо ба маврид овардانием. Зане аз дугонааш пурсон шуд, ки аз куҷо меояд. Ӯ ҷавоб дод, ки аз маросими дафни фалонӣ. Зани аввал боз пурсон шуд: «Мурдаи падарашро чанд пулӣ обрӯ кард?». Зани дуюм ҷавоб дод, ки 15 сомонӣ. Зани аввал заҳрханда кард ва нидо кард: «Ҳеҷ обрӯ накардааст, фалонӣ мурдаи модарашро 25 сомонӣ обрӯ кард». Ҳақиқатан муколамаи оддӣ, вале ваҳшатнок ва ба дараҷаи ифрот расидани маъракахои мардумро нишон медиҳад. Бо ин маблағ, ки ба хайрот сарф мешавад, яъне ба гуфти он занҳо барои «обрӯи майит» сарф мешавад, аз он хонавода ду-се кас соҳиби маълумоти олӣ ё соҳиби шуғлу ҳунари зарурӣ мегардад.

Боре дар гуфтугӯ тариқи радио зане бо ғазаб ба ходими Вазорати маориф ва илм шикоят мекард, ки дар мактаб маҷбуран ба фарзанди ӯ ба маблағи ду сомонӣ рӯзнома «бор кардаанд». Ходими вазорат танҳо:- «тафтиш мекунам»-гуфта посухи равшан надод. Шумо тасаввур кунед, барои ғизои маънавии фарзанд занро маблағи 2 сомонӣ ба ғазаб овардааст. Вақте ки барои ғизои маънавии фарзанд чунин маблағи ночизро раво набинад, пас чаро он фарзандро ба дунё овардааст. Террористу аробакаш дар ҷомеа басанда аст. Пӯшида нест, ки бо ваҳшате, ки аксари давлатҳои ҷаҳон бо номи «терроризм» рӯ ба рӯ шуданд ва ба ин амал ҷавонони бемаърифат, ҷоҳил ва бе шуғлу ҳунар ҷалб карда мешаванд. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди маорифи кишвар кӯшишҳои басандае мекунад, вале тарбияи маънавии фарзанд ва шуғлу ҳунар омӯзонидан танҳо вазифаи давлат нест. Ба ин кор бояд пеш аз ҳама волидайн манфиатдор бошанд ва фарзандро ба дунё оварда чунон тарбия намоянд, ки ӯ воқеан номбардору сазовори ворисони миллати тамаддунофари мо бигардад.

Сарфакорӣ ин беҳтарин аъмол аст, ки натиҷаи матлуб меорад. Ҳакими чинӣ Хун Сзи Чен мефармояд: «Вақти дар хизмат будан ду ҳақиқатро фаромӯш накун. Танҳо беғаразӣ нури хирад меафканад. Фақат бетамайӣ нуфӯзро тавлид мекунад. Ба хона баргашта ду ҳақиқатро дар хотир гир: «Танҳо илтифот оромиш меорад. Танҳо сарфакорӣ боиси фаровонӣ мегардад». ( Ҷумъаев,2015. С.47 ).

Сарфакорӣ барои инсон беҳтарин омил буда зиндагии инсонро ба низом медарорад. Исрофкорӣ инсонро, гарчанде дорои сарвати зиёде бошад ҳам, ба касодӣ меорад ва ба бараъкси он, сарфакорӣ сарвати инсонро дучанд мегардонад. Дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон сарфакорӣ натиҷаи матлуб меорад. Мақоли мардуми тоҷик хеле хуб мефармояд: «Сарфаи сари оташдон, беҳ аз савдогари Ҳиндустон». Дар соҳаи иқтисод, рӯзгори маишӣ, молия ва дигар ҷабҳахои ҳаёти инсонӣ сарфакорӣ низоми воқеист ва исроф ба ҳаромкорӣ ва фақирию касодӣ оварда мераонад. Тавре ишора кардем сарфакорӣ асоси фаровонист Аз ин ру нисбати неъматҳои моддӣ муносибати сарфакорона кардан дар ҳақиқат ҳам икдоми оқилонаи инсон аст ва инсон набояд ба сарфакорӣ роҳ диҳад.

Қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҷумҳурӣ қабул гардид ва воқеан ин икдоми хирадмандона ва сариваҡтии президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Қонуни мазкур дар таҳри ри нав аз тарафи мардум хеле хуб қабул гардид ва равшанфикрон ва қишри пешқадами ҷомеа дар амалӣ сохтани таҳмилоти қонун камари ҳиммат бастанд. Ин худ нишондиҳандаи он аст, ки қабули қонун ин тақозои замон аст. Дар қонун мақсад возеҳу равшан ифода ёфта он бахри ҳимояи мардуми Тоҷикистон, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид месозад, мусоидат намояд. Қонуни мазкур ҳамаҷониба барои таъмини ҳуқуқии озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст.

Ҷомеаҳои ҷаҳони имрӯза пур аз таззодҳоянд. Аксар кишварҳои ҷаҳон дар ибтидои асри XXI бо суръати баланд рушд карда ба суйи дунёи мутамаддин роҳ мепаймоянд. Асри XXI ин асри илм, дониш ва технология бувда маҳз донишу илм ва муносибати дуруст нисбати онҳо ояндаи ҳар як кишварро муайян мекунад. Моро ҳам имрӯз лозим аст рӯ ба сӯйи маърифат намоем ва аз паси аз худ кардани дониш ва илмҳои воқеие, ки барои рушду инкишофи соҳахои гуногуни ҳаёт мусоидат мекунад, талош биоварем. Ҷаҳони имрӯза ҷаҳони илм, дониш, хирад ва маънавиёт мебошад ва чӣ гуна муносибат кардан ба азхудкунии илму дониш муайянкунандаи асосии

ояндаи ҳар як ҷомеа ва мардум аст. Бинобар ин мардуми кишварро лозим аст на ғуломи урфу одатҳои хурофотӣ ва ба ҷамъият зараровар бигарданд ва майлу рағбати худро рӯ ба сӯйи маърифат намоянд, дунёи маънавиии худро комил намуда инсон будани худро нишон бидиҳанд. Ояндаи ҳар як кишвар, албатта, аз муносибат ба илм, дониш ва маърифат вобаста аст ва бояд мардум инро дарк намояд. Ҳар як ойила бояд тасмим бигирад ва кушиш ба харҷ бидиҳад, то ворисони ҳақиқии тамаддуни овозадори ниёгон бигардем ва дар ҷомеаи ҷаҳони имрӯза ҷойгоҳи худро биёбем.

Дар охир мо, ҳар як шаҳрванди банангу номуси кишвар, бояд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нав таҳрир шудаву ба тавсиб расид, ҷонибдорӣ намуда барои босамар амалӣ гардонидани он саъю талош варзем. Зеро қонуни мазкур дар беҳбуди зиндагии мардум нақши боризе дорад. Чуноне ки дар урфият мегӯянд: «Танзим баракати зиндагист».

***Адабиёт:***


*1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №6, мод. 428; соли 2008, №6, мод.448).*

*2.Ҷумъаев Р. Парвоз дар дунёи хиради замони антиқа. Душанбе: «Дақиқӣ», 2015. 108 с.*

*3. Ҷумъаев Р. Парвоз дар дунёи хиради Машриқ. Душанбе: «Андалеб», 2015. 124 с.*

*4. Ҷумъаев Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон. Душанбе: «Эр-граф», 2014. 212 с.*